Такриз

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Забон аз калимаву истилоҳоти зиёде иборат мебошад, ки ба самте ё соҳае равона карда шудаанд. Калимаву истилоҳоти ифдакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ як қисмати асосии луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Гарчанде аз лиҳози этнографию этнологӣ калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ аз тарафи донишмандон мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифта бошанд ҳам, аммо аз нигоҳи забоншиносии қавмӣ дар доираи лаҳҷаву шеваҳои муайян то айни замон ин гурӯҳи калимаҳо ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Ба рисолаи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна аз ҳамин мавқеъ баҳо бояд дод.

Дар муқаддимаи кор аҳаммияту навоварии таҳқиқ оварда шуда, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф ба таври муфассал пешниҳод гардидаанд. Инчунин, муҳаққиқ тавонистааст нуқтаҳои асосии дар кор баррасишавандаро номбар намояд .

Дар фишурдаи диссертатсия тибқи талабот бобҳо ва зербобҳо оварда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика» унвон дорад, рисоланавис диққати хешро ба пажуҳиши ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир равона сохта, ошкор намудааст, ки аз сабаби зиёдии гурӯҳҳои этникӣ дар Тоҷикистон ва инчунин, дар водии Ҳисор масъалаҳои мубраме то айни замон дар ин соҳа мавҷуданд, ки то ҳол роҳи ҳалли худро наёфтаанд. Дар ин боб диссертант муайян намудааст, ки забон бо фарҳанг робитаи зич дошта, чӣ тағйиротҳое, ки дар ҷамъият ба вуқуъ мепайвандад, таъсирашонро ба забон мегузоранд. Дар ин боб омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ ба роҳ монда шудааст. Рисоланавис тавонистааст, ки дар ин боби рисола таъсири региолектро ба нутқи гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор нишон дода, хусусиятҳои фарқкунандаи региолектизмҳоро аз диалектизмҳо ошкор созад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки "Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" номгузорӣ шудааст, вожагони соҳаи ҳунармандӣ тақсимбандӣ шуда, инчунин, муҳаққиқ диққати хешро ба боварҳое, ки дар иртибот бо ин

гурӯҳи вожаҳо пайдо шудаанд, равона сохта, хусусиятҳои этнолингвистии онҳоро ошкор намудааст.

Боби сеюми рисола “Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” унвон дошта, унвонҷӯй моҳирона онҳоро гурӯҳбандӣ карда, мавқею мавриди истеъмоли ҳар як аз ин вожаҳоро дар доираи гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор нишон додааст. Инчунин, ошкор сохтааст, ки аксарияти ин калимаҳо доираи интишори муайян дошта, тасвири забонии ҷаҳони ворисони лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисорро нишон медиҳанд.

Дар боби чоруми рисола, ки “Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” ном дорад, баромади ҳар як вожаи ба соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ мабутро дар гӯйишҳои ин мардумон муайян намуда, инчунин этимологияи иддае аз ин калимаҳоро низ нишон додааст. Дар ин боб, инчунин, диққати муаллиф ба мавқеи калимаҳои таърихан маҳдудшуда ва кӯҳнашудае, ки мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маиширо ифода менамоянд, равона шуда, омилҳои истифодаи онҳоро дар нутқи ворисони лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар айни замон нишон дода тавонистааст.

Дар хулосаи рисола натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 28 банд ҷамъбаст карда шудаанд. Муҳтавои диссертатсия дар 33 - мақола, аз ҷумла, 25 - мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе норасоиҳо ба чашм мерасанд, ки таъкиди онҳо бамаврид аст:

1. Ҳарчанд матни русии фишурдаи диссертатсия бо матни тоҷикиаш пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо матни русии фишурда каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.

2. Дар фишурдаи диссертатсия ҳангоми истифодабарии истилоҳоти забоншиносӣ якрангӣ ба назар намерасад.

3. Дар баъзе саҳифаҳои фишурда ғалатҳои техникиву имлоӣ дида мешаванд.

Ғалатҳои мавҷудбуда сифати корро коста нагардонида, ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқи илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

**Муқарриз**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забон ва фарҳанги
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Кабиров Х.Ш.

**Нишонаи муассиса:**734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони. Борбад 48/5
Тел:234-88-00, 900-02-72-18
**Нишонаи саҳифаи расмӣ:** hurshed kabirov @mail.com
Тел: 985 414181

Имзои Кабиров Хуршедро-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.

**«17» апрели соли 2024**